«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи
давлатии Данғара,
н. и. т., д.и.п. Шохиён Н.Н.
_______________

“01” 03 2022

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ ВА РӮЗНОМАНИГОРИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи **«Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, аз таърихи 12.02.2022, қарори №7 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара диссертатсияи номзадии Усмониён Нозила Усмонро таҳти унвони «Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ» бо ширкати муқарризон – доктори илми филология, профессор Тағаймуродов Р.Ҳ. ва номзади илми филология, дотсент Аҳмадов С.Г. баррасӣ ва муҳокима намуд. Сараввал профессор Тағаймуродов Р.Ҳ. баромад намуда, мавзуъро барои сабкшиносии адабӣ ва назарияи адабиёт муҳим арзёбӣ кард. Мазкур, ҳамчунин, таъкид дошт, ки омӯзиши мавзуи мазкур то ҷое дар муайян ва равшан намудани хусусиятҳои сабкӣ ва бадеии шеъри даврони истиқлоли тоҷик кумаки бевоситаи амалӣ мерасонад.

Профессор Тағаймуродов Р.Ҳ., ҳамчунин, қайд намуд, ки рисолаи унвонҷӯ Усмониён Нозила Усмон аввалин кӯшиш дар муайян кардани хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори бонуи суханвари тоҷик

Меҳринисо Бобобекова маҳсуб хоҳад шуд. Муаллифи рисола дар доираи се боб ва даҳ фасл ба ҳалли илмии мавзуи интихобшуда даст ёфтааст. Муаллиф дар бобҳои алоҳида оид ба ҳаёту фаъолияти эҷодӣ, сабки сухангустарӣ ва вижагиҳои бадеии ашъори Меҳринисо андешаронӣ намуда, мавқеи илмии худро муайян намудааст.

Дар рисолаи тақризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои фаровони илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва мавридҳои номафҳум ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо зарур буда, ба пиндори инҷониб, боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳанд гардид:

1. Ба андешаи мо, зерфаслҳои фасли якуми боби якумро, ки яке ба зиндагиномаи шоир ва дигаре ба эҷодиёти вай бахшида шудааст, дар як фасли комил (яъне бе зарфасл) ҷой додан беҳтар мебуд.

2. Ҳамин ҳолат дар чаҳор фасли боби дуюм ҳам ба назар мерасад. Муаллиф дар фаслҳои алоҳида дар хусуси ташбеҳ, истиора, талмеҳ ва дигар васоити тасвири бадеӣ андешаронӣ карда, онҳоро вобаста ба навъҳову хусусиятҳояшон ба зерфаслҳои алоҳида тақсим намудааст. Мо чунин мешуморем, ки ҳеҷ лозим нест фаслҳои боби мазкур ба зерфаслҳои алоҳида тақсим шаванд, зеро ба андешаи мо, ба зерфаслҳо ҷудо намудани фасл ба ҳусни кори илмӣ каме хадша ворид месозад.

3. Дар кор зимни унвонгузории бобҳову фаслҳо ба ҷойи "ашъори Меҳринисо" бештар "эҷодиёти Меҳринисо" истифода шудааст. Ба назари мо, Меҳринисо чун аслан шоир аст ва осори насрӣ дар эҷодиёти вай дар қиёс бо осори назмияш мақоми басо пасттар доранд, дар мавриди унвонгузории фаслҳову бобҳо ибораи "ашъори Меҳринисо" беҳтар аст.

4. Бар илова, дар рисола ғалатҳои имлоию ба истилоҳ техникӣ ҳам ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Номзади илми филология, дотсент Аҳмадов С.Г. дар баромади худ нисбат ба диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон баён намуд, ки мавзуи интихобнамудаи диссертант тамоман нав мебошад, зеро роҷеъ ба ашъори Меҳринисо, ҳунари шоирии ӯ ва хусусиятҳои гуногуни ашъори вай то ҳанӯз дар адабиётшиносии муосири тоҷик асари алоҳидаи таҳқиқӣ ва аз ҷумла таҳқиқоти диссертатсионӣ ба вуҷуд наомадааст. Бинобар ин, интихоби чунин мавзуи наву обнашуста аз ҷониби унвонҷӯйи ҷавон худ ғайрату ҷасорат аст ва онро бояд эътироф кард. Мазкур, ҳамчунин, иброз дошт, ки рисолаи мавриди муҳокима қарордошта, умуман, баанҷомрасида буда, масъалаҳои асосие, ки муаллиф дар пеш гузоштааст, ҳамагӣ ҳалли худро ёфтаанд. Аммо, бо он ҳама муваффақиятҳо, кор аз баъзе камбудҳо низ холӣ нест, ки бартараф кардани онҳо ба манфиати таҳқиқоти унвонҷӯ мебошад. Аз ҷумла:

1. Дар рисолаи диссертатсионӣ ибораҳои ҳаммаъно ба назар мерасанд. Масалан, муаллиф ибораҳои “калимабозиву каламбур” ё “мутаноқизу парадокс” ва амсоли инҳоро истифода кардааст. Ба андешаи мо, илм такрорро қабул надорад ва беҳтар аст, ки муаллиф ибораҳои амсоли болоро дар як вожа биёрад.

2. Дар саропои диссертатсия ба ҷойи “шоир” вожаи “шоира” истифода шудааст, ки фикр мекунам шакли аввалӣ дуруст аст. Бинобар ин, беҳтар аст, ки вожаи “шоира” ба “шоир” иваз шавад.

3. Хатоҳои имлоӣ ва чопӣ-техникӣ ҳам дар кор бисёр ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошанд. Вале ислоҳи онҳо аз ҷониби муаллиф мушкил нест.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, профессор Тағаймуродов Р.Ҳ. ва номзади илми филология, дотсент Аҳмадов С.Г. Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара нисбат ба ҳусну қубҳи илмии ба чунин **хулоса** омад:

Диссертатсия ба мавзуи наву таҳқиқношудаи илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Дар ҳақиқат, ҳама масъалаҳое, ки муаллиф дар бобҳову фаслҳои кори худ бар онҳо даст задааст, аввалин иқдом дар мавзуи ашъори Меҳринисо ва баррасии вижагиҳои алоҳидаи он ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар ин маврид дуруст қайд менамояд, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик то ба ҳол оид ба ашъори Меҳринисо Бобобекова ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии онҳо таҳқиқоти мукаммалу фарогир ба анҷом нарасидааст ва дар ин маврид адабиётшиносии тоҷик ниёз ба таҳқиқоти алоҳидаро дорад.

Унвонҷӯ ҷиҳати ба **мақсаду ҳадафҳои** худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- муайян кардани асоситарин мавзуъҳои эҷодиёти Меҳринисо;
- ошкор сохтани хусусиятҳои сабкии ашъори Меҳринисо;
- муайян намудани асоситарин воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Ашъори Меҳринисо Бобобекова аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа ғаноманду рангин буда, дар он аслан анъанаҳои ғоявии адабиёти даврони шуравӣ ва муосири тоҷик, амсоли Ватан ва меҳанпарастӣ, ташвиқи сулҳу ваҳдат, тасвири зан–модар, инсондӯстӣ ва ишқу муҳаббат идома ёфтаанд.

2. Меҳринисо дар пайравӣ аз анъанаи гузаштагон ба истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ таваҷҷуҳи зиёд намуда, дар ҳама анвои шеърӣ,

чи ашъори суннатӣ ва чи ашъори ба тарзи нав сурудашуда санъатҳои мазкурро ҷиҳати зебову муассиртар гаштани афкораш ба таври густурда мавриди истифода қарор додааст.

3. Дар ашъори Меҳринисо истифодаи вожаҳо ва ибораҳову таркибҳои нав ҷилваи махсус дорад. Хусусияти назарраси воҳидҳои мазкур дар хушоҳангӣ ва тарзи истифодаи онҳо вобаста ба услуби забони муҳовараи имрӯзи тоҷикӣ инъикос гашта, асосҳои сабкии ашъори шоирро ба вуҷуд меоварад. Яке аз вижагиҳои назарраси ашъори Меҳринисо – ин истифодаи ҳунармандонаи вожаҳо, ибораҳо ва таркибҳои халқӣ мебошад. Мақолу зарбулмасал ба зумраи чунин воҳидҳои халқӣ тааллуқ дошта, дар ин маврид ҷанбаи таъсирбахшии афкори шоирро тақвият бахшида, мазомини ашъори ӯро рангинтар менамоянд.

4. Дар ашъори Меҳринисо таноқуз яке аз вижагиҳои сабкии онро ташкил медиҳад. Ҳарчанд ки истифода аз таноқуз дар ашъори вай падидаи нав нест ва нишоне аз истиқболу пайравӣ ба шеваи сухангустарии устодони пешин аст, аммо бо тарзи ифодаи таъсирбахш ва бо санъатҳои бадеӣ ифода ёфтанаш дар худ як навъ навгоние пайдо намудааст.

5. Яке аз хусусиятҳои ашъори Меҳринисо истифода аз эҷоз ба ҳисоб меравад. Дар эҷодиёти Меҳринисо назаррастарин намунаи эҷоз дар хаёлпардозиҳои шоиронаи вай дар иртибот бар баёни матолиби гуногун, аз ҷумла дар тасвири мазомини зебову дилнишини ишқӣ, мавзуи модар ва бузургдошти зан мушоҳида мегардад, ки баёнгари сабки вижаи шоир маҳсуб мешавад.

6. Миёни ҷамеи воситаҳои тасврири бадеӣ дар ашъори Меҳринисо санъати истиора мақоми меҳварӣ дорад, зеро теъдоди истиораҳои истифоданамуда дар ашъори шоир аз ҳазор адад ҳам гузашта, қисмати аъзами тасвирҳои маҷозии вай тавассути корбурди ҳамин санъати бадеӣ роҳандозӣ шудааст. Истиораҳои ашъори Меҳринисо аз ҷиҳати сохт ҳам сода ва ҳам мураккаб буда, дар тасвири мафҳумҳо шоир аз ҳар ду истифодаи васеъ намудааст.

7. Дар ашъори Меҳринисо миёни санъатҳои бадеӣ мақоми дувумро ташбеҳ ишғол менамояд. Ба эътибори адот ё воситаи монандкунӣ ташбеҳоти Меҳринисо музмару сареҳ, ба эътибори иштироку омезиш бо санъати талмеҳ – ташбеҳи талмеҳӣ ва вобаста ба сохтор муфраду мураккаб мешаванд.

8. Дар тасвири образҳову мазомини ашъори Меҳринисо санъати талмеҳ низ мақоми марказӣ дорад. Дар талмеҳоти Меҳринисо ишорат ба номҳои шахсони таърихӣ, динӣ, шоҳон ва қаҳрамонони бостон, сулолаҳои сиёсӣ– таърихӣ, китобҳои динӣ, фарҳангӣ ва бадеӣ, ҳакимону донишмандон ва шоирон, қаҳрамонони ишқномаҳои маъруф мақоми меҳварӣ доранд.

9. Дар ашъори Меҳринисо нақши санъатҳои бадеии ташхис, таҷнис, маҷозу киноя низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳарчанд ки дар қиёс бо истиора, ташбеҳ ва талмеҳ санъатҳои мазкур дар мақоми дувум қарор доранд, аммо қисмати бузурге аз тасвири мазомину матолиб тавассути онҳо матраҳ гардидаанд.

**Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 6 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Бекназарова Н.У. Ватандорӣ ва ишқи Ватан – яке аз мавзуъҳои марказӣ дар эҷодиёти Меҳринисо (дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон) / Н.У., Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.–№2.– Душанбе: Сино.– 2019.- С. 239–142.

[2–М]. Бекназарова Н.У. Истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалҳои Меҳринисо – дар мисоли истиора / Н.У., Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.–№6.– Душанбе: Сино.– 2019.– С. 262–268.

[3–М]. Бекназарова Н.У. Нашри ашъори Меҳринисо дар матбуоти тоҷик / Н.У., Бекназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.–№ 7.– Душанбе: Сино.– 2019.– С. 257–264.

[4–М]. Усмониён Н.У. Ҷойгоҳи мавзуи ишқу муҳаббат дар ашъори Меҳринисо / Н.У., Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– № 4.– Душанбе: Сино.– 2020.– С. 198–203.

[5–М]. Усмониён Н.У. Нақши Зан–модар дар ашъори Меҳринисо / Н.У., Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– № 5.– Душанбе: Сино.– 2020.– С. 267–272.

[6–М]. Усмониён Н.У. Мавқеи талмеҳ, навъҳо ва хусусиятҳои он дар ашъори Меҳринисо/ Н.У., Усмониён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– № 1.– Душанбе: Сино.– 2021.– С.256-261.

Муаллифи диссертатсия барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқоти ба пажӯҳишҳои муҳаққиқони муосири ватаниву хориҷӣ, монанди устод С. Айнӣ, И. С. Брагинский, Маликушшуаро Баҳор, А. Мирзоев, Ю. Бобоев, Т. Зеҳнӣ, Н. Маъсумӣ, Б. Сирус, Р. Мусулмониён, М. Рейснер, А. Афсаҳзод, Р. Ҳодизода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов, Ю. Акбарзод, А. Сатторов, А. Насриддинов, М. Шукуров, Х. Асозода, Х. Шарифов, А. Ҳакимов, А. Давронов, Р. Ваҳҳобов, М. Аҷамӣ, Шафеии Кадканӣ, Сируси Шамисо, Муаззама Иқболӣ, Маҳмуд Ибодиён, Асъод Абдулҳодӣ ва дигарон такя намуда, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Навгонии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки бори нахуст ашъори Меҳринисо Бобекова аз нигоҳи ғояву мавзуъ, сабкшиносӣ ва бадеият мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, дар диссертатсияи мазкур таҳқиқи сохторӣ ва навъии баъзе воситаҳои тасвири бадеии дар ашъори Меҳринисо истифодашуда анҷом дода шудааст.

Аҳамияти назарии диссертатсия иборат аз он аст, ки таҳқиқи эҷодиёти Меҳринисо ва хусусиятҳои ғоявию мавзуӣ, бадеӣ-эстетикӣ ва сабкии он дар муайян кардани раванди шеъри муосири тоҷик, махсусан, дар даврони истиқлолият бетаъсир нахоҳад буд. Шиносоӣ бо эҷодиёти пурмуҳтаво ва гуногунмавзуи Меҳринисо, ашъори аз ҳайси навъу жанр рангин, тарзи корбурди васоити гуногуни тасвири бадеӣ ва сабку услуби суханпардозии вай дар омӯзиши раванди шеъру адабиёт дар авохири аҳди шуравӣ ва даврони истиқлолият, қисмати назарияи адабиёт ва сабкшиносии адабиёти муосири тоҷик кумаки қобили таваҷҷуҳе хоҳад кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки маводи онро дар ҳама корҳои минбаъдае, ки иртибот бо назми охирҳои даврони шуравӣ ва даврони истиқлолияти адабиёти тоҷик доранд, метавон чун намунаи боэътимоди кори илмӣ истифода кард. Бинобар ин, натиҷагириҳо ва хулосабандиҳои назарии таҳқиқотро ҷиҳати мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ, китобҳои дарсиву таълимӣ, васоити гуногуни таълимӣ, корҳои илмӣ–таҳқиқӣ ва дигар навъҳои корҳои илмӣ–таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, шурои олимони факултети факултети филология ва рӯзноманигорӣ бо қарори № 7, аз таърихи 12.02.2022 диссертатсияи номзадии Усмониён Нозила Усмонро таҳти унвони «Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ» кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта

меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-021 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ тавсия намуд.

Иштирок дошт: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» –нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи № 7, аз 12-уми феврали соли 2022.

Раиси Шурои олимони факултети
филология ва рӯзноманигорӣ, номзади илмҳои
филологӣ: Самардинов Қ.Н.

Муқарризон: д.и.ф., профессор: Тағаймуродов Р.Ҳ.
н.и.ф., дотсент: Аҳмадов С.Г.

Котиби Шурои олимони факултети
филология ва рӯзноманигорӣ Маҳмадалиев Ф.М.

Имзои Самардинов Қ.Н., Тағаймуродов Р.Ҳ., Аҳмадов С.Г., Маҳмадалиев Ф. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори ШК ДДД Ҷабборӣ Н. Ҷ.

ШУЪБАИ КАДРҲО

18.02 соли 2022